Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рўзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рўзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РЎЗНОМАИ КЕНГАШИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН

9 июли соли 2003. Чоршанбе № 51 (12894)

Дар фурўш нархи озод. Рўзнома соати 16.55 имзо гардид.

## Дар бораи ташрифи расмии Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон ба Ҷумҳурияти Лаҳистон

10-12 июли соли 2003 мувофиқи таклифи Президенти Ҷумҳурияти Лаҳистон Александр Квасневский Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов бо боздиди расмӣ ба Лаҳистон ташриф меорад.

Дар рафти сафар баррасии аҳволу истиқболи муносибатҳои дуҷониба, муаммоҳои байналхалқие, ки манфиати ду тарафро ифода мекунанд, инчунин ба имзо расондани як қатор ҳуҷҷатҳои дуҷониба ба нақша гирифта шудааст.

## Дар бораи мавқуф гузоштани ташрифи кории Президенти Федератсияи Русия В.В.Путин ба Ҷумҳурияти Ўзбекистон

6 июли соли 2003 байни Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов ва Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин гуфтугўи телефонӣ ба амал омад.

Ба муносибати воқеаҳои фоҷиавии ноҳияи Тушинои шаҳри Маскав, ки дар оқибати вай қурбониҳо ба амал омаданд, ҷонибҳо зарур донистанд, ки ташрифи кории Президенти Федератсияи Русия В.В.Путинро ба Ҷумҳурияти Ўзбекистон ба муддати дигар гузаронанд.

# ҲОМ: ҳамкории самаранок давом дорад

### Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов 5-6 июл ба шаҳри Алмаато барои иштирок дар ҷамъомади навбатии шўрои сарони давлатҳои аъзои созмони «Ҳамкории Осиёи Марказӣ» рафт



Чунон ки сарвари давлати мо дар гузориши худ бо журналистон қайд намуд, созмони «Ҳамкории Осиёи Марказӣ» сохтори демократӣ ба шумор меравад ва ба ташкилёбиаш дар пойгоҳи Ҳамкории иқтисодии Осиёи Марказӣ якуним сол пур мешавад. Тафриқае, ки аз ҳамкории иқтисодии пештара дар ин созмон мавҷуд аст, он мебошад, ки ҳамкории собиқа фақат ба масъалаҳои иқтисодӣ машғул мешуд. Махсусияти ташкилоти нав он мебошад, ки чаҳор кишвар-аъзои ин созмон ҳоло нафақат ба рушди муносибатҳои иқтисодӣ машғул мешаванд, балки имкониятҳои навро барои инкишоф додани робитаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ғайра ҳам истифода менамоянд.

Созмони «Ҳамкории Осиёи Марказӣ» аз рўзи расман ба имзо расидани он— моҳи феврали соли 2002-ум дар анҷумани Алмаато бинобар ташкил додани ҳамкории созмони ҳамкории Осиёи Марказӣ, ки моҳи декабри соли 2001-ум дар вохўрии дар Тошканд дар байни президентҳои Ўзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон ба даст омада буд, амал менамояд. Раиси ин созмон ҳамон вақт Ислом Каримов интихоб шуд, ки ташаббускори бунёди созмони мазкур гардида буд. Дар даврае, ки роҳбарии созмони мазкурро ҷониби Ўзбекистон дар дўш дошт, вохўрии сарони давлатҳо—аъзои ҳамкории Осиёи Марказӣ: 6-7 июли соли 2002 дар шаҳри Актау (Қазоқистон), 5-6 октябр дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон), 27 декабр дар шаҳри Остона (Қазоқистон) ба вуқўъ пайваст.

Анҷумани кунунии алмаатоӣ вохўрии панҷумини аъзои ҲОМ дар чаҳорчўбаи сарони ин кишварҳо аст. Раиси созмон аз хусуси фаъолияти созмони «Ҳамкории Осиёи Марказӣ» дар ҷамъомади дар доираи танг ба амал омада, ҳамчунин дар маҷлиси дар доираи васеъ гузаронидашуда ҳисобот дод.

Дар ҷамъомад зикр гардид, ки дар давраи ба созмон роҳбарӣ намудани ҷониби Ўзбекистон дар роҳи инкишоф додани муносибатҳои бисёрҷанбаи байни мамлакатҳо-шарикҳо бисёр қадамҳои муҳим гузошта шуданд. Ғайр аз вохўрии сарони давлатҳо дар сатҳи олӣ боз анҷуманҳои иқтисодии намояндагони коргузорӣ дар миқёси минтақа дар шаҳри Тошканд гузаронида шуданд, ҷамъомади намояндагони парлумони кишварҳо-аъзои созмон ба вуқўъ пайвастанд, аз ҳама муҳимаш диққати махсус ба ҷиҳатҳои амалӣ нигаронида шуд, ки ҳуҷҷатҳои дар чаҳорчўбаи ин сохтори минтақавӣ қабул шуда иҷро гарданд ва обрўву боздеҳи он афзояд.

Дар рафти гуфтушунидҳо ҳамчунин ба масъалаҳои доду гирифти иқтисодӣ, инкишофи он дар минтақа, такмил додани шаклҳои он ва механизмҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, илмию техникӣ, фарҳангиву маърифатии алоқаҳо диққати ҷиддӣ нигаронида шуд.

Президентҳо аз хусуси масъалаҳои байналхалқӣ, таъсири онҳо ба кишварҳои минтақа аз ҷумла, ҷиҳатҳои мусбии навгониҳое, ки дар Афғонистон ба амал меоянд, изҳори ақида намуданд. Аз ҷиҳати он, ки Афғонистон ба роҳи ҳаёти осоишта қадам гузоштааст ва дар роҳи кўмак расонидан ба ин кишвар ба ҳамҷиҳатона амал намудан ниёз дорад, фикр ронда шуд.

Дар яке аз вохўриҳои гузашта , ки дар чаҳорчўбаи созмон ба амал омада буд, Ислом Каримов аз хусуси мубодилаи барномаҳои телевизиони кишварҳои минтақа изҳори ақида намуда буд. Дар нишасти матбуотие, ки дар анҷоми анҷумани Алмаато ба амал омад, Президенти мамлакати мо ба ин масъала бозистода, аз ҷумла чунин гуфт:

—Мо аз хусуси бо иттилоот таъмин намудани халқҳои кишварамон, пеш аз ҳама аз навигариҳои минтақа воқиф намудани онҳо бисёр сухан меронем, бо вуҷуди ин то имрўз ин хоҳиши мо ба ҳаёт татбиқ нагардидааст. Ҳол он ки доду гирифти иттилоот ва фақат иттилооти объективӣ имконият медиҳад, ки мо ҳамдигарро беҳтару беҳтар донем.

Дар ҷамъомад дар ин самт ҳам қадами амалӣ гузошта шуд. Минбаъд телевизиони ҳар як кишвар-аъзои ҳамкорӣ ҳафтае ду соат барномаҳои телевизиони давлатҳо—шарикҳои ҲОМ-ро намоиш медиҳанд.

Чунон ки Ислом Каримов қайд намуд, ин қарор давраи аввалини ҳамкорӣ дар чаҳорчўбаи созмон мебошад ва ҳамчунин қадами нахустин дар роҳи додугирифти иттилоот ба шумор меравад. Дар оянда ҳамкорӣ дар ин ҷабҳа дар ҳар як кишвар созмон додани нуқтаҳои хабарнигорӣ ва саъю ҳаракатҳои бузургмиқёсу дарозмўҳлатро-аз ҳамарўза инкишоф додани дастовардҳо дар ин ҷабҳа то истифодаи якҷояи ҳамроҳи маснўъҳои Замин дар назар дорад.

Ин имконият медиҳад, ки бо ҳаёти кишварҳои якдигар аз наздик шинос шавем, халқҳои мо минбаъд ҳам қаринтар гарданд, мазмуну моҳияти ҳуҷҷатҳои қабул гардида, ки ба он сарони давлатҳои минтақа имзо гузоштанд, фаҳмо бошанд, дар байни кишварҳо-аъзои ҳамкории Осиёи Марказӣ мубодилаи озоди афкор ба амал ояд. Ин амал, ки боварии байни кишварҳоро мустаҳкам менамояд, бешубҳа, омили аз ҳама муҳими инкишофи ҳамкории васеъи минтақа ба шумор меравад.

Дар асоси ҷамъбасти вохўрӣ як қатор ҳуҷҷатҳо ба имзо расиданд. Дар байни онҳо—изҳороти якҷояи роҳбарони Ҷумҳурияти Ўзбекистон, Ҷумҳурияти Қазоқистон, Ҷумҳурияти Қирғизистон ва Ҷумҳурияти Тоҷикистон, қарор дар бораи мустаҳкам намудани саъю ҳаракати давлатҳо-аъзои созмони «Ҳамкории Осиёи Марказӣ» дар мубориза ба муқобили терроризм, экстремизм ва хариду фурўши ғайриқонунии маводи нашъа мавҷуд буданд.

Лоиҳаи ҳуҷҷатҳо аз ҷониби президентҳо ҷиддан баррасӣ гардиданд ва бо маслиҳатҳои муҳими амалӣ пурра гардиданд. Дар рафти муҳокимаи изҳороти якҷоя Ислом Каримов, Нурсултон Назарбоев, Аскар Акаев ва Эмомалӣ Раҳмонов ба масъалаҳои оид ба созмон додани консорсиум оид ба истифодаи захираҳои обу барқи минтақа, ба амал ҷорӣ намудани лоиҳаҳои коммуникатсионӣ дар чаҳорчўбаи манфиатҳои давлатҳо ва беҳтар намудани таъминоти хўроквории кишварҳои минтақа махсусан истода гузаштанд.

Дар рафти вохўрӣ ҳаҷми корҳое, ки барои ба амал ҷорӣ намудани ин мақсадҳо нигаронида шудаанд, муайян гардиданд. Ба масъалаҳое диққату эътибори муҳим дода шуд, ки ба фаъол шудани ҷараёнҳои интегратсияи мамлакатҳо ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагонии аҳолии минтақа нигаронида шудаанд. Аз ҷумла, шартнома аз хусуси муроҷиат ба созмонҳои байналхалқии молиявӣ ва коркарди консепсияҳои мувофиқ бинобар ин нақша ба имзо расид.

Президенти Ҷумҳурияти Қазоқистон Нурсултон Назарбоев раиси созмони «Ҳамкории Осиёи Марказӣ» ба мўҳлати навбатӣ интихоб гардид.

Қарор шуд, ки анҷумани навбатии созмон дар шаҳри Душанбе ба вуқўъ пайвандад.

Бо ин вохўрии сарони давлатҳо-аъзои созмони «Ҳамкории Осиёи Марказӣ» ба охир расид.

Бесабаб нест, ки роҳбари кишвари мо созмони «Ҳамкории Осиёи Марказӣ»-ро тавзеҳ дода ба он ҷиҳат эътибори ҳозиронро ҷалб намуд, ки ҳангоми интихоби номи ташкилот инкишофи ҳамаҷонибаву ҳаматарафаи он дар миқёси минтақа дар назар дошта шуда буд.

Анҷумани алматоии сарони давлатҳо-аъзои созмон ва умуман ҷамъбасти нимсолаи фаъолияти ин сохтор шаҳодат медиҳад, ки созмони «Ҳамкории Осиёи Марказӣ» вазифаҳои дар дўши худ доштаро фаъолона иҷро менамояд.

Ин созмон пеш аз ҳама ба шуури худшиносии халқҳои мо дар роҳи дарёфти инкишоф саҳми муносиб мегузорад, зеро мардуми мо дар тўли ҳазорсолаҳо дар фазои дўстиву ҳамдилӣ, ҳамкорӣ, азиз доштани суннатҳои бостониву кунунии худ зисту зиндагӣ доранд. Онҳо ба инкишофи инсоният саҳми бузург мегузоранд. ҲОМ имконият медиҳад, ки халқҳои минтақа ба иқтидор ва пешомади худ мўътамад бошанд, охирон вай имкон медиҳад, ки ҳамкории дарозмўҳлат ва пурсамар бо дигарон аз ҷумла бо кишварҳои ҳамсоя вусъат ёбад.

**Ғулом МИРЗО,**
**хабарнигори махсуси ЎзА.**
**Суратгир: Абдувоҳид ТЎРАЕВ, (ЎзА).**
**Тошканд-Алмаато-Тошканд.**

## Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон

### Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба бо масолеҳи чўбу тахта фаровон гардондани бозори дохилӣ

Ба мақсади фароҳам овардани шароитҳо барои васеъ гардондани сохтмони манзил, таъмини эҳтиёҷоти ба масолеҳи чўбу тахта ва чўб доштаи аҳолӣ ва корхонаҳои ҷумҳурӣ, бо онҳо фаровон гардондани бозори дохилии истеъмолӣ Девони Вазирон **қарор мекунад:**

1. Аз 10 июли соли 2003:

андозаи боҷи воридоти гумрукӣ барои масолеҳи чўбу тахта ва чўби аз ҷониби шахсони юридикӣ овардамешуда дар ҳаҷми нул фоиз;

барои шахсони ҷисмоние, ки ба таркиби муқаррargардида ба сифати тадбиргарони шахсӣ бидуни ташкили шахси ҳуқуқӣ бо ҳуқуқи ба амал баровардани амалиётҳои содиротию воридотӣ ба рўйхат гирифта шудаанд, ҳангоми овардани масолеҳи чўбу тахта ва чўб, ки барои фаъолияти тиҷоратӣ таъин шудааст, андозаи нулии пардохти ягонаи гумрукӣ муқаррар карда шавад.

2. Кумитаи давлатии гумруки Ҷумҳурияти Ўзбекистон барои аз ҷониби шахсони ҳуқуқиву ҷисмонӣ риоя намудани тартиби муқарраршудаи ба ҷумҳурӣ овардани масолеҳи чўбу тахта ва чўб, дуруст ба амал баровардани расмигардонии гумрукӣ ва гирифтани боҷи гумрукӣ назорати қатъиро таъмин намояд.

3. Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон якҷоя бо Вазорати молия, Кумитаи давлатии гумруки Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва дигар вазорату идораҳои манфиатдор:

дар мўҳлати даҳ рўз ба Девони Вазирон дар бораи даровардании тағйироту иловаҳо ба қонунгузории дар амалбуда, ки аз қарори мазкур бармеоянд, таклифот дарорад;

дар мўҳлати ду ҳафта ҳуҷҷатҳои меъёрии идоравиро ба талаботи қарори мазкур мутобиқ созад.

4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ў.Султонов гузошта шавад.

**Раиси Девони Вазирон**
**И.КАРИМОВ.**

ш. Тошканд,
7 июли соли 2003

## Ватан ғаллаи Андиҷонро қабул мекунад

Ғаллакорони вилояти Андиҷон супоришоти шартномавиро иҷро карданд. Ба хирмани Ватан 245 ҳазору 900 тонна ғаллаи соф, аз ҷумла 120 ҳазор тоннаи вайро тухмӣ ташкил медиҳад, армуғон гардид.

Деҳқонони вилоят тирамоҳи соли гузашта кишти ғалладонаро дар мўҳлати кўтоҳ ба анҷом расонданд. Навъи «Крошка», «Половчанка», «Чиллакӣ», «Старшина» ва дигар навъҳоеро, ки якчанд сол боз орзўи ғаллакоронро ҷомаи амал мепўшонанд, интихоб намуданд. Бориши зиёди баҳорӣ ва аввалҳои тобистон ба нашъунамои босуръати ғалла мусоидат кард.

Техникаи ғалладаравӣ пешакӣ ба хати омодагӣ гузошта шуда буд. Деҳқонони ноҳияи Избоскан яке аз аввалинҳо шуда ба ғалладаравӣ шурўъ карданд. Онҳо то охири мавсим пешсафиро аз даст надоданд. Бисёр хоҷагиҳо, иҷоракорони пешқадами вилоят ба ҷои 80 сентнерии пешбинишуда аз ҳар гектар 85-88 сентнерӣ ғалла рўёнданд.

## Хирмани бузурги Бухоро

**БУХОРО. (Хабарнигори ЎзА, Илҳом Сафар).** Ғаллакорони вилоят зиёда аз 142 ҳазор тонна ғалла супурда, ўҳдадории солонаи шартномавиро иҷро карданд. Ҳосилнокӣ ба ҳисоби миёна 48 сентнериро ташкил дод. Ин нисбат ба нишондиҳандаи порсола 7 сентнерӣ зиёд аст.

Ба ин комёбии вилоят ғаллакорони ноҳияҳои Вобкент, Ромитан, Когон, Олот, Ғиҷдувон ва Ҷондор ҳиссаи босазо гузоштанд.

Дар вилоят аз 103 «Кейс» ва ҳафтод комбайни тамғаҳояшон гуногун самарабахш истифода бурданд. Чи хеле ки мутахассисон қайд мекунанд, дар вилоят аз ғалла 4,2 миллиард сўм фоидаи соф ба даст хоҳанд овард.

Ғалладаравӣ идома дорад. Майдонҳои аз холишударо шудгор карда, дигар зироат мекоранд.

## Омодагӣ ба ҷашн

**ТОШКАНД. (Мухбири ЎзА, Назокат Усмонова).** ***Дар пойтахт бахшида ба рафти омодагӣ ба ҷашни 12-солагии истиқлоли кишвар ва фестивали мусиқии байналхалқии анъанавии «Шарқ тароналари» маҷлиси якҷояи машваратии Вазорати фарҳанг ва иттиҳодияи «Ўзбекнаво» баргузор гардид.***

Чун ҳамеша тантанаҳо дар майдони асосии ҷумҳурият—Мустақилӣ сурат мегирад. Дар он ҷамоаҳои худфаъол ва касбии зиёде аз Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд иштирок менамоянд. Бояд қайд намуд, ки ҳар минтақа урфу одат, анъаноти ба худ хос дорад.

Ва тавассути фарҳанги хос санъати миллӣ, мероси бебаҳои халқ намоиш дода мешавад.

Хотиррасон гардид, ки тантанаҳои алоқадор ба ҷашни аз ҳама бузургу азизи халқамон бояд бо рўҳбаландӣ ва хубу зеботар аз тадбирҳои пешина гузаранд. Онҳо нотакрор, инъикосгари зиндаву бадеии сохтмонҳои бузург, халқи созандаву офаранда ва дар роҳи бунёди сулҳ фидокори мо бояд бошанд.

Ба туфайли ҷашн паҳлўҳои нави санъат ошкор ва истеъдодҳои нав ба нав кашф мегарданд, суруду оҳанг ва рақсҳои тоза ва ранг ба ранг офарида мешаванд. Диққати асосӣ ба интихоб ва тайёр сохтани репертуари иштирокдорони ҷашн нигаронида шуд.

Дар маҷлиси машваратӣ ҳамчунин масъалаи гузаронидани фестивали «Шарқ тароналари» дар Самарқанд ва ҷашни 70-солагии шаҳри Нукус баррасӣ гардид.

## Навигариҳои олам

*Хабарҳо аз хориҷа Хабарҳо аз хориҷа*

### Мувофиқи маълумоти СММ

Аз рўи маълумоте, ки Созмони Милали Муттаҳид ҳафтаи гузашта иброз намуд, ташкилоти террористии «Ал-Қоида» алҳол дар ихтиёри худ 800 ҷанговар дорад, ки ҳар кадоми он барои ташкили ҳуҷум ба обектҳои иқтисодӣ ва сайёҳӣ омода мебошад. «Инҳо, — гуфта мешавад, дар маълумотнома, аз нигоҳи интеллектуалӣ ва тайёрии ҳарбӣ дониши хуб доранд, ки ба ин сабаб тавонистаанд ба мамлакатҳои мухталиф роҳ ёбанд ва онҳо аз рўи салоҳдиди худ амал хоҳанд кард».

### Қонун бар зидди тамоку

Ду сол боз дар Филиппин масъалаи манъ кардани сигоркашӣ дар ҷойҳои ҷамоатӣ, маҳдуд кардани фурўши он, манъ намудани рекламаи он дар парламенти дупалатагии мамлакат муҳокима мешуд. Инак, парламент ризоият дод. Президенти Филиппин Глория Аррейо дар ин бобат қонунро имзо кард. Мувофиқи он аз соли 2008 рекламаи сигор батамом манъ мешавад. Алҳол сигоркашӣ дар муассисаҳои таълимӣ, беморхонаҳо, клиникаҳо, дар ҳама ҷойҳои ҷамоатӣ, ки дар биноҳои болопўшанд, мумкин нест.

### Дузди беҳамто

Политсияи Дубай, Аморати Муттаҳидаи Араб, дуздеро дастгир намуд, ки дар муддати ҳамагӣ як моҳ 25 бўстонсаро ва хонаҳои одамонро ғорат кардааст. Аммо аз хонаи дузд, ки меҳмонхона буд, фақат соатҳои тиллоии дуздидаашро ёфтаанду халос. Ин шахс аз Лубнон ҳамчун сайёҳ ба Дубай омада буд. Ў ғайри соат, дигар ашёҳои ба яғмо бурдаашро аллакай ба ватани худ, фиристодааст.

Суд ин дузди ашаддиро ба мўҳлати 44 моҳ аз озодӣ маҳрум карда, ҳукм баровард, ки ҳама чизҳои дуздидаашро ба соҳибонаш баргардонад, сипас ў ба ватанаш депортатсия (фиристода) мешавад.

**(Аз рўи хабарҳои оҷонсиҳои итилоотии хориҷӣ таҳия шудааст).**

## Ёрии беподоши Ҷопон

**ТОШКАНД. (Мухбири ЎзА, Фазлиддин Арзиев)** ***Мувофиқи лоиҳаи «Пардохти идрор (стипендия) барои тайёр кардани мутахассисон дар Ўзбекистон» ҳукумати Ҷопон барои соли 2003 58 миллион иен ҷудо кард.***

Бахшида ба ин дар Девони Вазирон маросими ба имзорасонии ҳуҷҷатҳо сурат гирифт. Дар тадбир қайд гардид, ки алоқаҳои мутақобилаи Ўзбекистону Ҷопон дар ҳама соҳаҳо, аз ҷумла соҳаи таълим, табъи дил ривоҷ меёбад.

Мақсад аз додани гранти мазкур ташкили таҳсили донишҷўёни Ўзбекистон дар мактабҳои олии Ҷопон аст.

Ҳуҷҷатро ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ҳ.Кароматов ва Сафири фавқулодда ва мухтори Ҷопон дар мамлакати мо Акио - Кавато ба имзо расонданд.

